# ТАҚРИЗИ

**мушовири илмӣ ба рисолаи доктории Муродзода Аҳмадхон Амрохон «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09-Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

Нимаи дуюми асри XIV вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Мовароуннаҳру Хуросон дар ҳолати бухронӣ қарор дошт. Дар шаҳру вилоятҳои ин сарзаминҳо ҳокимиятҳои зиёди мустақилу ниммустақил ба вуҷуд омада, Мовароуннаҳр баъд аз солҳои 50-уми асри XIV ба зиёда аз 30 мулки ҷудогона тақсим шуд. Ҳокимони ин мулкҳо на танҳо байни якдигар ҳамеша дар ҳолати ҷангу ҷидол қарор доштанд, балки аз дохил низ миёни мансабдорони онҳо барои ба даст овардани ҳукумат муборизаҳо мерафт. Бо истифода аз ин вазъият Темур соли 1370 ҳокимияти Мовароуннаҳрро ба даст оварда, ба густариши сарзаминҳои давлаташ пардохт ва намояндагони ин сулола дар Мовароуннаҳру Хуросон то соли 1506 ҳукумат карданд.

Таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон мавриди пажуҳиши олимони ватанию хориҷӣ қарор гирифта, ҳаводиси ин давр бо паймонаҳои мухталиф дар осори онҳо инъикос ёфтааст. Аммо баррасиҳои таърихнигорӣ ё накди осори илмие, ки дар онҳо масоили ба ҳокимият расидани Темур дар Мовароуннаҳр, забткориҳои ӯ, ҳукумати ворисони Темур дар Мовароуннаҳру Хуросон ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV инъикоси худро ёфта бошанд, то кунун сурат напазируфтааст.

Диссертатсияи доктории Муродзода Аҳмадхон Амрохон **«Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV»** ба мавзуи мубрам: баррасии осори муаррихони садаҳои миёна ва муҳаққиқони дохиливу хориҷӣ, ки масоили таърихии ин замон дар онҳо инъикос ва таҳқиқ гардидааст, бахшида шуда, сохтори рисола ва ба ҳам пайвастагии мантиқии фаслҳо ва зерфаслҳои он ҷавобгӯи мақсад ва

вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда мебошад. Муаллиф талош намудааст бо равиши татбиқӣ ҷойгоҳи ин асарҳоро дар инъикоси ҳаводиси нимаи дувуми садаи XIV ва ибтидои садаи XV муайян карда, аҳамияти онҳоро дар таърихнигории халқи тоҷик мушаххас созад.

Рисола аз панҷ боб ва ёздаҳ зербоб иборат буда, сохтори он бо низоми мантиқӣ матраҳ гардида, муаллиф бо риояи чаҳорчӯби замонӣ ҳадафҳои муайяншуда дар рисолаашро баррасӣ намуда, вазифаҳои дар наздаш гузоштаро, мисли таҳлили муқоисавии ахбори манобеи таърихӣ ва таҳқиқоти олимони ватаниву хориҷӣ оид ба авзои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV; муайян намудани хусусиятҳои фарқкунандаи инъикоси воқеаҳои таърихӣ дар манобеи таърихӣ ва осори муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ; мушаххас намудани тафовутҳои тасвири воқеаҳо дар манобеи таърихӣ ва пажуҳишҳои муҳаққиқон дар ҷарайёни таҳқиқ ҳаллу фасл менамояд.

Ба муҳаққиқ муяссар шудааст, ки шеваи фатҳ намудани кишварҳои дигар тавассути Темурлангро дар асоси манобеи таърихӣ матраҳ намоянд. Як идда олимони кишвар чӣ дар даврони шуравӣ ва чӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ роҷеъ ба ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии давраи Темуриён пажуҳишҳо анҷом дода, осори арзишманде таълиф кардаанд. Доир ба омӯзиши лашкаркашиҳои Темур ба Хуросону Эрон ва аз байн бурдани давлатҳои Сарбадорони Хуросон (соли 1381), Куртҳои Ҳирот (соли 1389) ва Оли Музаффар (соли 1393) ва ҳини лашкаркашӣ ба харобкориҳо ва куштораҳо даст задани ӯ дар ин ё он минтақа асарҳои пурарзиши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун роҳнамо мавриди истифода қарор дода шуд.

Мақсади мавзуи рисола таърихнигории вазъи сиёсии нимаи дуюми асри XIV, таърихи ба сари қудрат омадани Темур, лашкаркашиҳои Темур ва Темуриён ба Мовароуннаҳру Хуросон дар асрҳои XIV-XV, таҳқиқи оқибатҳои лашкаркашиҳо, омилҳои аз байн рафтани давлати Темуриён дар

Мовароуннаҳру Хуросон, нишон додани саҳми тоҷикон дар рушду нумуи илму фарҳанги ин давраи таърихӣ маҳсуб мешавад.

Муаллифи рисола муваффақ шудааст, ки ихтилофи назарҳо дар таҳқиқоти муҳаққиқонро роҷеъ ба ҳодисаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV пайдо намуда, онҳоро бо матолиби манобеи таърихӣ қиёс кунад ва дар зимн хулосаҳои илмӣ ва мантиқӣ бароварад.

Бори нахуст дар илми таърихнигорӣ ва манбаъшиносӣ вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангию адабии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV ба таври густурда ва маҷмуӣ таҳқиқи татбиқӣ гардида, дар заминаи илми таърихнигории имрӯзаи тоҷик лашкаркашиҳои Темур ва Темуриѐн, қатли ом, бунёди калламанораҳо, вайрону валангор сохтани шаҳрҳо, қалъаҳо, ошӯбҳои мардумӣ, ситонидани андозҳои такрорӣ, ки боиси қаҳтию гуруснагии мардуми ин минтақа гардидаанд, мавриди таҳлилу баррасии қиёсӣ сурат мегирад.

Аз хулосаҳои илмии ба даст овардаи муаллифи рисола, ки аз омӯзишу таҳлили манобеи хаттӣ ва адабиёти илмӣ маълум мегардад, унвонҷӯй ҳадаф ва вазоифи дар наздаш гузоштаро муваффақона анҷом дода, бо муайян кардани ҷойгоҳи манобеи хаттӣ ва адабиёти илмӣ ба офаридани як рисолаи воҳид комёб шудааст.

Мусалламан то кунун дар доираҳои илмии ховаршиносӣ ва таърихнигорӣ чи дар дохил ва чи берун аз Тоҷикистон ҳодисаҳои таърихии ин ин замон дар қиёс бо ҳам таҳлил нашудаанд ва бе шак ин рисола метавонад он матолиберо ба илми таърих матраҳ созад, ки аз лиҳози навгӯӣ, тадвини масоили илмӣ ва мизони кори таҳқиқотӣ арзиши илмӣ доранд.

Ҳамин тавр унвонҷӯй дар тадвини рисолаи докторӣ маҳорати худро дар таҳқиқу таҳлили матолиби мухталифи мавзуи мавриди пажуҳиш нишон дода, бо натиҷагирии илмию мантиқӣ ба бобҳо ва зербобҳои диссертатсия ҳусни анҷом мебахшад.

Автореферат ва маводҳои чопшуда дар нашрияҳои гуногун баёнгари муҳтавои диссертатсия мебошанд.

Диссертатсияи Муродзода Аҳмадхон Амрохон дар мавзуи **«Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09-Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ бо ихтисоси интихобнамудаи муаллиф мутобиқат дорад.

Бинобар ин метавон гуфт, ки рисолаи илмии Муродзода Аҳмадхон Амрохон **«Таърихнигории таърихи Мовароуннахру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV»** кори таҳқиқотии анҷомёфта буда, натиҷагириҳои унвонҷӯй баёнгари муқаррароти асосии пешниҳодшуда барои дифоъ мебошад.

Аз ин рӯ чун роҳбари илмӣ метавонам хулоса кунам, ки рисола аз рӯи сохтор, мазмун ва баёни матолиби таҳқиқӣ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат намуда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09-Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

Мушовири илмӣ,
доктори илмҳои таърих,
профессор, узви вобастаи АМИТ Ҳайдаршо Пирумшоев

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони академикҳо Раҷабавҳо, 9
Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш. Тел:
93 969 8686
5 феврали 2025

Имзои доктори илмҳои таърих, профессор Ҳайдаршо Пирумшоевро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо Г. Файзуллоева